# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” барои ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Маориф аз он ниҳодҳои муҳиму муассири иҷтимоии ҷомеа ба шумор меравад, ки дар ҳама давру замон ба тарбияи ҷавонону наврасон нигаронида шудааст. Дар замони муосир рушди босуръати техникаву технологияи нав, шабакаҳои интернетии мухталиф, тарбияи инсони солимандешу ватандӯст, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи хештаншиносӣ, эҳтироми бузургсолону тараҳҳуми кӯдакон маҳз ба соҳаи маориф иртиботи ногусастанӣ дорад.

Кори диссертатсионии Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом ба чунин мавзӯи мубрами рӯз дар мисоли сатҳи воқеӣ ва инкишофи системаи маорифи минтақа Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX ва аввали асри XXI бахшида шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи таълимоти илмӣ, педагогӣ, бахусус таърихии ҳавзаи фавқуззикрро бо ошкор кардани дастовардҳои илмии таърихан дар бар мегирад.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки омӯзиши раванди тараққиёти мактабу маориф аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳамияти таърихии он равандҳое бармеояд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи маориф ҷараён доранд, зеро равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии муосир ба системаи маориф албатта таъсири амиқ мерасонанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси принсипҳои таърихият ва объективият фақту рақамҳои бунёдиро ба даст овардааст, ки новобаста аз ақидаю афкори субъективие, ки дар маъхазҳо ва муҳокимаҳои муаллифон ҷой доранд, муайянкунанда тараққиёти мактабу маориф дар ҳамон шароити таърихӣ гардидаанд.

Пояҳои методологии таҳқиқотро равиши бисёромила ба масъалаи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад. Дар кори илмӣ равишҳои консептуалие истифода гардидаанд, ки дар осори бунёдӣ оид ба таърихи маорифи тоҷик татбиқ шудаанд. Муаллиф ҳамон усулҳои илмиеро истифода бурдааст, ки барои омӯзиши зуҳуроти ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ заруранд.

Принсипи системанокӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки низоми мактабу маорифро дар ҳамбастагӣ ва алоқамандӣ бо дигар зуҳуроту равандҳо арзёбӣ кунад. Инчунин комилан яқин аст, ки дар шароити муосири мустақилияти ватану давлати мо, бедор шудани ҳисси миллии хонандагон ва зарурияти аз дидгоҳи нав баррасӣ намудани мактабу маориф аҳамияти муҳимми илмию таърихӣ дорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти муаллиф таҳлили системаи маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI мебошад, ки натанҳо вилояти номбурда, балки сабақгирии барои тамоми ҷумҳурӣ манфиатовар хоҳад буд. Ҳамчунин ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили ҷанбаҳои минтақавии рушди мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоб дар поёни садаи бист ва ибтидои асри бистуяк, яъне дар як давраи бисёр ҳассосу тақдирсоз барои кишвар, равшан намудани хусусиятҳои сиёсати давлатӣ ва вижагиҳои даврони гузариш дар ин соҳа мебошад.

Кори диссерттсионӣ аз муқаддима, 2 боб, 6 то зербоб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт бо 222 номгӯйи библиографӣ, 1 расм ва 6 замима иборат буда, дар 188 матни компютерӣ оварда шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, вазифа, мақсад, асосҳои методӣ ва назариявии рисола муайян гардида, навоварӣ ва аҳамияти он тибқи сохтори таҳқиқот тасвир карда шудааст.

Ба масъалаи баррасии дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муаллиф ба таҳлили таълифоти муҳаққиқони шинохтаи кишвар М.Х. Абдуллоев, А.

Шарипов, Баскакова М., Рашидов А.Р., Иноятова М.А., Алимов И.А., Шарифов З., Ёров Ф., Мирзоалиев Э. ва дигарон диққати хоса додааст, ки гувоҳи густурдагии омӯзишу пажуҳиши мавзӯъ ба шумор меравад.

Аз ин нигоҳ, диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи "Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)" маҳз ба ҳамин масъалаи мубрами илмӣ бахшида шудааст, ки қобили дастгирӣ аст.

Ҳар як боб бо хулосаҳои марбути фаслҳои он мантиқан мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли аввали боби 1, ки "Мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ" ном дорад, масъалаи таърихи мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар марҳалаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва давраи барқарории соҳибистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла масъалаи вазъи мактабу маориф дар арафаи таъсисёбии вилояти Хатлон дар моҳи сентябри соли 1988 аз ду вилояти алоҳидаи Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа бо маркази маъмурию фарҳангии шаҳри Қӯрғонтеппа инъикос ёфтааст. Дар фасли дуюми боби аввал, ки "Даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маориф" ном дорад, масъалаи халалдоргардии раванди якнавохту бомароми фаъолияти низоми мактабу маорифро дар охири солҳои 80-уми асри XX таҳти таъсири тамоюлҳои нави марказгурез таҳлил гардидааст. Дар ҳамин фасл инчунин масъалаи бавуҷудоии созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун дар заминаи манфиатҳои умумии маҳаллаву минтақаҳо ва дар ин росто соли 1991 аз байн рафтани давлати абарқудрати ИҶШС, пайдоиши ҷумҳуриҳои миллӣ, гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ, бад шудани амнияти сиёсӣ дар кишвар, шиддатгирии мубориза байни қувваҳои дохилӣ барои ҳокимият, фалаҷ гардидани аркони давлатдорӣ ва дар баробари ин, соли оғози соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлатдории миллӣ инъикос ёфтааст.

Фасли сеюми боби аввал “Пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои минтақа” инъикоскунандаи ҳолати мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таҳлилу таҳқиқ гардида, таъсири номатлубу ҳалокатбори даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ба мактабу маориф дар сатҳи минтақа мебошад.

Дар фасли якуми боби дуюм – “Татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ” вазъияти аввалин рӯзҳои ташаккули истиқлолияти миллӣ ва давлатдории навин ҳукумати мамлакат ва нақши он ба инкишофи мактабу маориф ва иқтидори зеҳнии шаҳрвандон, бахусус, насли наврас мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби дуюм “Рушд ва дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми маорифи минтақа” фарогири масъалаҳои низоми маорифи минтақаи Кӯлоб дар самти такмили шаклу усулҳои таълим, беҳтарсозии сифати таълиму тарбия, ҷалби талабагон бо таҳсил, тайёрии пурраи омӯзгорон ба дарсҳо, таъмини мактабҳои минтақа бо таҷҳизотҳои зарурӣ, беҳтарсозии ҳолати таъмири мактабҳо, ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва мураббиён, ҷоннок кардани фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ, компютеркунонии раванди таълим, тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, забонҳои русӣ ва англисӣ, тайёр намудани хонандагон ба озмунҳои мухталифи фаннӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ ва монанди ин падидаҳои матлуб мебошад.

Дар фасли сеюми боби дуюм - “Таҳкими пойгоҳи моддӣ ва рушди раванди таълим” масъалаи таърихи иҷрои ислоҳоти мактабҳо ин таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои томактабию мактабӣ ва омода намудани кадрҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин самт яке аз нишондиҳандаҳои соҳа таносуби миқдори муассисаҳои таҳсилот ва шумораи хонандагон оид ба бастнокӣ мавриди баррасӣ қарор

гирифта, мактабҳои тамоми ноҳияҳои минтақа ва худи шаҳри Кӯлоб бо шумораи хонандагони мактабҳои таҳлилшаванда мавриди омӯзиши муаллиф қарор гирифтааст.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи таҳқиқотии худ 7 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба чоп расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Навигариҳои илмӣ дар рисолааз инҳо иборат мебошад.**

- таъсири ногувори даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маорифи минтақа муайян карда шудааст;

- хусусиятҳои умумӣ ва хоси рушди низоми мактабу маорифи минтақа мушаххас гардидаанд;

- рӯйдодҳо ва ҳаводиси таърихие, ки аз ягон мавқеъ бо рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб алоқаманданд, аз дидгоҳи интиқодӣ ва объективӣ арзёбӣ гардида, таъминоти кадрӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ ва маблағгузории муассисаҳои таълимии минтақа дар солҳои ислоҳоти низоми маориф таҳлил карда шудаанд;

- тадқиқоти мазкур ҷойи холии мавҷударо дар тадқиқи илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ва замони истиқлолият пурра мегардонад;

- дар рисола раванди мукаммали ислоҳоти низоми таҳсилоти умумӣ ҳаматарафа баён гардида, таҳлили назариявии самтҳои асосии сиёсати давлатии соҳа ва татбиқи амалии он дар минтақаи Кӯлоби

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ва даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти дилхоҳ таҳқиқоти илмӣ ин пеш аз ҳама таҳлил ва ҷамъбасти маводҳо доир ба мубрамияти кори таҳқиқот мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои таълифи таърихи навини системаи маорифи кишвар истифода шуда метавонад, инчунин ғояҳои илмии диссертатсияро дар корҳои таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун мадрак хизмат намояд.

Фикру мулоҳизаҳои эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки рисолаи илмӣ дар асоси маводи муътамад, натиҷаҳои маълум, санҷидашуда ва ба корҳои илмии пештар нашршуда аз рӯи мавзӯъ тартиб дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия аз баъзе камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти муаллиф хеле муфиданд.

1. Ба назари мо беҳтар мешуд, ки муаллиф самтҳои онвақтаи системаи маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро бо дигар минтақаҳои вилоятҳои Суғду Бадахшон муқоисаи густурдатар мекард.

2. Ба назари мо, яке аз нуктаҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ ва боиси таҳсини таҳқиқоти муаллиф ин 6 замимаи муфассал инъикоскунандаи системаи маорифи минтақаи Кӯлоб ва агар ба сифати замимаи 7 вазъияти рушди системаро шакли диаграмма нишон медод, нуран ало нур мешуд.

3. Хулоса ва ҷамбасти зербоби якум ва дуюми боби якум нонифоя ба назар мерасад

4. Рисола аз саҳву хатогиҳои услубиву имлоӣ орӣ нест, ки гоҳ-гоҳ ба чашм мерасанд.

Норасогиҳои зикр гардида ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти амалии рисоларо паст намекунад ва ба асоснок будани ҳолатҳои барои ба ҳимоя пешниҳод кардан, таъсир намерасонад.

Рисола таҳқиқоти илмии дар худ анҷомдодашударо ифода мекунад, ки муаллиф мустақилона ва ба дараҷаи кофӣ дар сатҳи баланд иҷро намудааст. Дар он таърихи инкишофи маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI хело илман ба исбот расидааст. Натиҷаҳое, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот ҳосил намудааст ба қадри кофӣ нав, асосноккардашуда ва эътимоднок мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Мукарризи расмӣ, доктори илмхои таърих,**
**профессори кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики Донишгоҳи давлати Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Абдуллоев М.Х.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,**
**к. С. Сафаров 16.,**
**Тел: 8 (3322) 2-35-06, 2-35-09**
**E-mail info@kgu.tj**

Имзои Абдуллоев М.Х. – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

«20» январи 2023 с.